Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

14 марти соли 2026
Шанбе
№ 21 (15240)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАРТИБИ КОР БО МУРОҶИАТҲОИ АҲОЛӢ БА ЗИНАИ НАВ БАРДОШТА МЕШАВАД

***Таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои такмил додани тартиби кор бо муроҷиатҳои аҳолӣ, ба зинаи нав баровардани фаъолияти Қабулхонаҳои халқӣ ва таҳлили амиқи афкори ҷамъиятӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Таъкид шуд, ки шумораи аҳолии кишвар аз 38 миллион нафар афзуда, тайи нӯҳ соли охир даромади аҳолӣ ду баробар зиёд гардид. Бо мақсади осон кардани мушкили мардум ва дарёфтани роҳи ҳалли масъалаҳое, ки онҳоро нигарон мекунанд, низоме роҳандозӣ шуд, ки вазирон ва ҳокимон дар сатҳи маҳалла фаъолият мебаранд. Соли ҷорӣ низ барои дар маҳаллаҳо беҳтар кардани инфрасохтор ва шароити зиндагии аҳолӣ 56 триллион сӯм ҷудо карда мешавад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки сарфи назар аз имкониятҳои назаррас, масъалаҳое, ки аҳолӣ ба миён мегузоранд, на дар ҳама ҷо сари вақт ҳаллу фасл карда мешаванд.

– Нӯҳ сол пеш, ҳангоми таъсис додани Қабулхонаҳои халқӣ як мақсад гузошта шуда буд: наздик кардани идораҳои давлатӣ ба мардум. Дуруст аст, ки Қабулхонаҳои халқӣ замоне босамар кор карданд. Аммо ҳоло вақти он расидааст, ки фаъолияти ин идора ҳам мувофиқи талаботи кунунии ҷомеа тағйир дода шавад, – гуфт Президент.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки минбаъд шиори «Ман бояд мушкилоти ҳар як инсон ва ҳар як хонадонро донам ва сари вақт кумак расонам» бояд ба қоидаи асосии фаъолияти тамоми роҳбарон дар ҳама сатҳҳо табдил ёбад.

Президент вазъи кунунии кор бо муроҷиатҳои аҳолиро таҳлил намуд.

Дар мамлакат ба ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна 319 ариза ва шикоят рост меояд. Аммо ин рақам дар шаҳри Тошканд – 535, дар вилояти Навоӣ – 462, дар Сирдарё ва Сурхондарё – 452, дар Ҷиззах – 430, дар Қашқадарё – 368 ва дар вилояти Тошканд – 350 ададро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин қайд гардид, ки дар ноҳияҳои Деҳқонобод ва Миробод, инчунин, шаҳрҳои Навоӣ, Оҳангарон ва Янгиер шумораи аризаҳо ба ҳар даҳ ҳазор нафар аҳолӣ нисбат ба дигар минтақаҳо қариб ду баробар бештар аст.

Бо вуҷуди 16 фоиз кам гардидани шумораи муроҷиатҳо дар миқёси ҷумҳурӣ, дар ноҳияҳои Қаровулбозор, Нурато, Конимех, Тупроққалъа ва шаҳри Намангон ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта то 50 фоиз афзоиш ёфтааст.

Гуфта шуд, ки дар ҳокимону масъулони идораҳои як қатор шаҳру ноҳияҳо ҳанӯз ҳам муносибати сатҳӣ ба гузаронидани қабулҳои сайёр ва шахсӣ боқӣ мондааст, ин тартиби кор мавриди танқид қарор гирифт.

Соли гузашта муқаррар гардид, ки ба Қабулхонаҳои халқӣ худи ҳокимон роҳбарӣ намоянд. Дар Қароқалпоқистон, Андиҷон, Қашқадарё, Хоразм ва Сирдарё туфайли иштироки бевоситаи роҳбарон шумораи муроҷиатҳо 25-30 фоиз кам шуда, 60-70 фоизи масъалаҳое, ки аҳолӣ ба миён гузоштаанд, ба таври мусбат ҳал гардидаанд.

Аммо дар минтақаҳои дигар дар ин самт тағйироти назаррас ба амал наомадааст. Масалан, аз 170 ҳазор муроҷиат дар шаҳри Тошканд ва 110 ҳазор муроҷиат дар вилояти Тошканд, беш аз нисфи онҳо ҳалли худро наёфтаанд. Дар Сурхондарё, Самарқанд ва шаҳри Тошканд шумораи муроҷиатҳои такрорӣ афзудааст.

Дар робита ба ин таъкид шуд, ки баъзан муроҷиатҳои ба Қабулхонаҳои халқӣ воридшуда сари вақт ҳал нагардидаанд ва танҳо баъд аз паҳн шудани онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ чора андешида шудааст, ки ин ҳолат ба эътимоди аҳолӣ нисбат ба мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҷамъомад соҳаҳое, ки аз аҳолӣ муроҷиати бештар ворид мешавад, фаъолияти мақомоти масъули онҳо, аз ҷумла дар корҳои дохилӣ, бюрои иҷрои ҳатмӣ, тандурустӣ, шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, энергетика, инфрасохтор ва дигар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Масалан, соли гузашта оид ба алимент тақрибан 70 ҳазор муроҷиат ворид шудааст. Ҳарчанд Бюрои иҷрои ҳатмӣ баъди ворид шудани ариза чораҳои зарурӣ меандешад, бинобар надоштани даромади расмӣ аз ҷониби баъзе пардохткунандагони алимент 30 фоизи муроҷиатҳо ҳалли худро намеёбанд.

Дар ин робита таъкид шуд, ки аксари пардохткунандагони алимент бо вуҷуди доштани касб бекор мегарданд, чанде аз онҳо ба бозомӯзӣ ниёз доранд ва ин ҳама бояд таҳлил карда шавад, дар ин самт роҳандозии ҳамкории наздик бо шуъбаҳои шуғли аҳолӣ ва «ҳафтгонаи маҳалла» муҳим мебошад.

Дар доираи муҳоҷирати ташкилӣ низоми омӯзонидани шаҳрвандон ва фиристодани онҳо ба ҷойҳои кори сердаромад дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шудааст, аммо шахсоне, ки уҳдадории алимент доранд, аз ин имконият истифода бурда наметавонанд. Дар ин замина бо мақсади фароҳам овардани шароит ҷиҳати дар хориҷ кор карда, даромад ба даст овардани пардохткунандагони алимент, супориш дода шуд, ки механизми одилонае таҳия гардад, ки ҳамзамон ҳуқуқи алиментгирандагонро таъмин намуда, барои ҳар ду ҷониб манфиатовар бошад.

Зикр гардид, ки марбут ба салоҳияти корҳои дохилӣ, бахусус вобаста ба муносибати дағалонаи баъзе кормандон ва сифати тафтишот низ муроҷиатҳои эътирозӣ ворид мешаванд. Зарурати мунтазам машғул гардидани масъулони соҳа бо масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва фарҳанги муошироти нозирони профилактикӣ ва муфаттишон дар минтақаҳое, ки чунин муроҷиатҳо бисёр ворид мешаванд, инчунин, пурзӯр намудани корҳо бобати ба низоми касбии халқпарвар табдил додани идораҳои корҳои дохилӣ таъкид гардид.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Дар минтақаи хурди саноатии ҳудуди маҳаллаи Кокшиқалъаи ноҳияи Чимбойи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон корхонаи хориҷии «HD SONS», ки ба истеҳсоли маҳсулоти риштаву калоба ихтисос дорад, ба кор оғоз кард.*

*Корхона бо асбобу ускунаҳои замонавие, ки аз Чин харид шудаанд, муҷаҳҳаз гардидааст. Алҳол корҳои навбати аввали сохтмону монтаж ба охир расиданд. Дар корхона, ки соле 5 ҳазор тонна риштаву калоба истеҳсол карда мешавад, ҳоли ҳозир 120 нафар кор мекунанд.*

*Аҳли он ният доранд, ки маҳсулоти худро ба Чин, Туркия ва Покистон содир кунанд. Пас аз бо иқтидори пурра ба кор оғоз намудани он шумораи коргарон тақрибан ба 300 нафар мерасад.*

***Дар сурат:** дар корхона.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



# ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГИ САРМОЯГУЗОРӢ

***Дар доираи иҷрои вазифаҳое, ки аз ҷониби Президенти мамлакат ҷиҳати беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дар минтақаҳо, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳаҳои савдо ва хидматрасонӣ муайян гардидаанд, дар ноҳияи Сариосиё як қатор лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ татбиқ мешаванд.***

Ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов бо рафти сохтмони маркази логистикӣ, ки аз ҷониби ҶДММ «Tech Reserved» дар ҳудуди 6 гектар дар минтақаи сарҳади давлатии Ўзбекистон ва Тоҷикистон бунёд мегардад, шинос шуд. Лоиҳа ба таҳкими инфрасохтори савдои хориҷӣ, такмил додани хидматрасониҳои ҳамлу нақли бор ва таъсис намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Таъкид гардид, ки дар корҳои сохтмонӣ бояд ба талаботи сифат ва мӯҳлат қатъӣ риоя карда шавад.

Ҳамчунин, лоиҳаи «Мактаби ниҳолпарварӣ», ки дар ҳудуди хоҷагии деҳқонии «Samo Mehr Ko'chatchilik» бояд татбиқ гардад, баррасӣ шуд. Ин ташаббус ба рушди бонизоми соҳа, ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадам ва баланд бардоштани шуғли аҳолӣ равона карда шудааст. Айни замон дар 10 гектар замини хоҷагӣ зиёда аз 40 навъи ниҳоли мевадеҳ ва ороишӣ парвариш меёбанд.

Дар ҷараёни сафар инчунин сохтмони мавзеи нави истиқоматии «Sariosiyo city», ки дар маҳаллаи «Мирзо Улуғбек» бунёд мегардад, аз назар гузаронида шуд. Дар доираи лоиҳа бунёди 4 бинои 9-ошёна ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин роҳбари вилоят дар муаррифии нақшаҳое, ки аз ҷониби донишҷӯёни бахши меъморӣ ҷиҳати рушди маҳаллаҳои вазъи иҷтимоиашон мураккаб таҳия шудаанд, ширкат ҷуст. Аз ҷумла, лоиҳаҳои омодашуда барои маҳаллаи Алишер Навоӣ ҳамаҷониба баррасӣ гардиданд.

Боздиди навбатӣ аз маҳаллаи «Тортули» буд. Дар он ҷо рафти иҷрои барномаи «Тараққиёт ва етакчилик маскани» мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ҳамзамон, ба аҳолӣ барои коҳиш додани камбизоатӣ дар оилаҳо, бино ба эҳтиёҷу талаботи онҳо парранда, занбӯри асал ва қуттиҳои занбӯри асал тақдим гардид.

Дар ҷараёни сафар бо аҳолӣ мулоқоти ошкорову самимӣ сурат гирифт ва муроҷиату пешниҳодҳо шунида шуданд. Ба масъулон супориш дода шуд, ки мушкилоти мавҷударо дар доираи қонун ҳаллу фасл намоянд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Бо фарорасии фасли баҳор корҳои саҳроӣ, боғдорӣ ва фаъолияти соҳибкорон дар кишоварзӣ ҷараёни тоза мегирад. Саволе ба миён меояд: чӣ бояд кард, то ҳосилнокӣ ва самаранокии боғу токзор ва заминҳои кишт зиёд шавад. Барои ба ин савол ҷавоби қаноатбахш гирифтан вазири хоҷагии қишлоқ Иброҳим Абдураҳмонов дар ноҳияи Ҷомбой бо соҳибкорону боғбонону фермерҳо суҳбат орост.***

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ЗАМОНАВӢ БАРОИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар чорабинӣ мутахассисони соҳа дар бораи усулҳои гуногуни истеҳсоли пахта ва ғалла, ҷорӣ намудани технологияи муосири кишт ва навовариҳо дар системаи тухмипарварӣ мубодилаи афкор карданд.

– Рост мегӯянд, ки ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад, – иброз дошт роҳбари хоҷагии фермерии «Абдурауф Давронов»-и ноҳияи Самарқанд Абдуғаффор Давронов. – Мо ҳангоми қабули сайёр оиди ташкили чорабиниҳои агротехникӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот бисёр чизҳои муҳимро омӯхтем. Ин гуна мулоқот ба фаъолияти мо неруи тоза мебахшанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Дар доираи «40 рӯзи муҳим»*

***Дар асоси фармоиши №21-и Агентии карантин ва ҳимояи растаниҳои назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 16 феврали соли 2026, бо мақсади пешгирии касалии занг ва дигар бемориҳои зараровар, инчунин ҳифзи майдонҳои кишти ғалладона аз алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасон дар миқёси ҷумҳурӣ тадбири «40 рӯзи муҳим» эълон гардид.***

# КОРҲОИ АГРОТЕХНИКӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ҲОСИЛИ ФАРОВОН

Маълум аст, ки вазифаи асосии Агентии карантин ва ҳимояи растаниҳо ҳифзи наботот аз бемориҳои хавфнок ва сирояткунанда, инчунин пешгирии паҳншавии ҳашароту зараррасонҳои гуногун мебошад. Тадбири «40 рӯзи муҳим», ки айни замон амалӣ мегардад, маҳз ба пешгирии касалии занг ва дигар бемориҳои зараровар, инчунин муҳофизати киштзорҳои ғалладона аз алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасон равона шудааст. Зеро дар ҳамин мавсим хатари паҳншавии чунин бемориҳо ва афзоиши алафҳои бегонаву ҳашароти зараровар бештар мегардад.

Бо мақсади иҷрои ин фармоиш ва самаранок баргузор намудани тадбири «40 рӯзи муҳим» дар вилояти Сурхондарё низ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2026 барои парвариши босамари киштзорҳои ғалладона, ҳифзи онҳо аз касалии занг, алафҳои бегонаи яксола ва бисёрсолаи дупалла, инчунин аз алафҳои хӯшадор, ҳамчунин муҳофизат аз ҳашароти зараррасон — хасва, кирм, шира, трипс ва ғайра як қатор корҳои муҳими агротехникӣ анҷом дода шуданд.

Дар соҳаи кишоварзӣ пешгирӣ аз бемориҳо ва ҳашароти зараррасон пеш аз пайдо шудани нишонаҳои онҳо аҳамияти калон дорад. Зеро, баъд аз паҳн шудани беморӣ мубориза бо он хеле душвор мегардад. Аз ин рӯ, риояи усули маъруфи «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» дар ин самт бисёр муҳим мебошад. Ҳамчунин ба инобат гирифтани омилҳои обу ҳаво дар кишоварзӣ нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти ин, аз ҷониби ҳокимияти вилоят ва Саридораи карантин ва ҳимояи растаниҳо барои муайян, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳо ва мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон дар майдонҳои кишт чораҳои зарурӣ андешида шуда, нақшаи корӣ таҳия гардидааст. Дар асоси ин нақша дар ҳудуди вилоят корҳои васеи амалии соҳавӣ идома доранд.

Айни ҳол дар доираи тадбири «40 рӯзи муҳим» мутахассисон ва масъулони Саридораи карантин ва ҳимояи растаниҳо ва шуъбаҳои ноҳиявии он киштзорҳоро мунтазам мавриди назорат қарор медиҳанд. Онҳо дар ҳамкорӣ бо хоҷагиҳои ғаллапарварӣ, деҳқонӣ ва фермерӣ, кластерҳо ва дигар субъектҳои соҳибкорӣ пайваста аз майдонҳои кишт боздид намуда, назорати фитосанитарӣ ва корҳои муҳофизатиро роҳандозӣ мекунанд. Ҳамзамон ба ҳокимияти ноҳияҳо ва масъулони соҳа тавсияҳои зарурӣ дода мешавад.

Дар ин самт мавҷуд будани захираҳои кофии воситаҳои кимиёвию биологӣ ва истифодаи сариваҳтии онҳо аҳамияти калон дорад. Илова бар ин, барои баланд бардоштани ҳосилнокии замин сари вақт анҷом додани корҳои агротехникӣ, инчунин истифодаи нуриҳои минералӣ ва биологӣ муҳим мебошад.

То имрӯз дар доираи тадбири «40 рӯзи муҳим» дар 45,9 ҳазор гектар киштзори ғалладонаи вилоят як маротиба нуриҳои минералӣ ҳамроҳ бо биостимулятор пошида, ду маротиба тадбирҳои суспензиявӣ гузаронида шудаанд. Дар 81,2 ҳазор гектар майдон барои нест кардани алафҳои бегонаи яксола ва бисёрсола гербисидҳо истифода гардида, дар 72 ҳазор гектар майдон ғизодиҳии профилактикӣ анҷом дода шудааст. Албатта, ҳамаи ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ, ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот равона гардидаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии бемориҳо ва нест кардани ҳашароти зараррасон аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳа барои назорати мунтазами киштзори ғалладона ва такмил додани корҳои агротехникӣ дар маҳалҳо семинарҳои омӯзишию намоишӣ баргузор мешаванд. Чунин семинар чанде пеш дар ноҳияи Ҷарқӯрғон гузашт.

Дар семинар намояндагони саридора, олимон ва мутахассисони соҳа, инчунин вакилони ҳокимияти вилоят ва ноҳияҳо иштирок намуданд. Дар ҷараёни он натиҷаи корҳои дар доираи тадбири «40 рӯзи муҳим» анҷом додашуда баррасӣ гардида, вазифаҳои минбаъда муайян ва ба мутахассисону масъулон тавсияҳои зарурӣ дода шуданд.

Роҳбари саридораи карантин ва ҳимояи растаниҳо Усмон Туробов оид ба корҳои анҷом додашуда ва баъзе камбудиҳои ҷойдошта ҳарф зада, таъкид кард, ки барои рӯёндани маҳсулоти рақобатпазир ва содиротӣ риояи қатъии талаботи фитосанитарӣ, ҳифзи маҳсулот аз зараррасонҳо ва назорати сифати он аҳамияти калон дорад.

Ӯ ҳамчунин зикр намуд, ки ба даст овардани маҳсулоти босифати кишоварзӣ, бастани шартномаҳои содиротӣ, додани сертификатҳои миллӣ ва байналмилалии фитосанитарӣ ба истеҳсолгарон ва содиркунандагон, инчунин боркунӣ ва интиқоли маҳсулот то манзили таъйинот аз ҷумлаи вазифаҳои масъулиятноки кормандони соҳа мебошанд.

Маълум аст, ки барои содироти маҳсулоти боғдорӣ, саҳроӣ ва дигари кишоварзӣ гирифтани сертификати байналмилалии фитосанитарӣ зарур мебошад. Бо ин мақсад, барои гузаштани назорати фитосанитарӣ низоми электронии «Fitouz» ҷорӣ шудааст. Дар заминаи ин платформаи иттилоотии автоматикунонидашуда низоми «Аз саҳро то содирот» роҳандозӣ гардидааст, ки фаъолияти истеҳсолкунандагон, соҳибкорон ва содиркунандагони маҳсулоти кишоварзиро ба маротиб осон мегардонад.

Хулоса, ҳамаи чорабиниҳое, ки дар доираи тадбири «40 рӯзи муҳим» амалӣ мешаванд, ба пешгирӣ аз бемориҳо ва ҳашароти зарарасон, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин рушди иқтидори содиротии соҳа равона гардидаанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ТАРТИБИ КОР БО МУРОҶИАТҲОИ АҲОЛӢ БА ЗИНАИ НАВ БАРДОШТА МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Гуфта шуд, ки дар соли 2025 муроҷиатҳо оид ба масъалаҳои энергетика, инфрасохтори роҳ ва об аз 109 ҳазор афзудааст. Бахусус, дар ноҳияҳои Асака, Шаҳрихон, Избоскан, Пастдарғам, Шӯрчӣ, Деҳнав, Ғузор, Қамашӣ, Деҳқонобод, Шароф Рашидов, инчунин дар шаҳрҳои Самарқанд, Намангон, Тирмиз, Қаршӣ ва Андиҷон чунин муроҷиатҳо оид ба инфрасохтор бештар шудааст.

Таъкид гардид, ки соли ҷорӣ барои ҳал намудани чунин масъалаҳо 20 триллион сӯм ҷудо шудааст, агар ҳокимон ин маблағҳоро, пеш аз ҳама, ба маҳаллаҳое, ки бештар шикоят ворид мешавад, равона кунанд, ҳам розигии мардум меафзояд ва ҳам шумораи муроҷиатҳо кам мешавад.

Натиҷаҳои назарраси барномаи «Буҷети ташаббуснок» дар сабук кардани мушкилоти аҳолии маҳаллаҳо эътироф гардид. Аммо қайд шуд, ки дар 2 ҳазор маҳалла, ки аз онҳо 25 ҳазор муроҷиат оид ба масъалаҳои инфрасохторӣ ворид шудааст, то ҳол ягон лоиҳа дар доираи ин барнома дохил карда нашудааст.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки муроҷиатҳои ба Қабулхонаҳои халқӣ воридшударо таҳлил намуда, ба чунин маҳаллаҳо бобати омода кардани лоиҳаҳо кумак расонанд.

Ҳамзамон, кори баъзе вазорат ва идораҳо, ки ҷойи ҳал намудани муроҷиатҳо, бо ҷавобҳои умумӣ маҳдуд мешаванд, танқид карда шуд. Бахусус, Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия 64 фоиз, Нозироти назорати сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналӣ 61 фоиз ва Вазорати нақлиёт 58 фоизи муроҷиатҳоро ба таври амалӣ ҳал накардаанд.

Таъкид гардид, ки камбудиҳои ошкоршуда ба дигар вазорату идораҳо ва ҳокимиятҳо низ дахл доранд. Онҳо бояд кори худро нисбати муроҷиатҳои шаҳрвандон дар пояи таҳлили амиқ ва ҳисси масъулиятшиносӣ ба роҳ монанд.

Сарвари давлат зикр намуд, ки вақти аз нав дида баромадани низоми кор бо муроҷиатҳо фаро расидааст. Ба ҳокимиятҳо, вазорату идораҳо супориш дода шуд, ки танҳо бо ҳал намудани масъалаҳои дар муроҷиатҳо бардошташуда маҳдуд нашуда, ба омӯзиши амиқи сабабҳои пайдоиши мушкилот, ба таври мунтазам бартараф намудани омилҳое, ки боиси зиёд шудани муроҷиатҳо мегарданд, машғул шаванд.

Дар ин замина муайян гардид, ки Қабулгоҳҳои халқӣ бояд на танҳо идораҳои қабул ва баррасии муроҷиатҳо бошанд, балки ба марказҳое табдил ёбанд, ки таваҷҷуҳи идораҳои масъулро ба мушкилоти соҳаҳо ва минтақаҳо ҷалб намуда, якҷо бо онҳо таҳлил гузаронад, барои ҳалли масъалаҳо пешниҳодҳо таҳия намоянд.

Президенти кишвар дар мисоли шаҳри Қаршӣ шарҳ дод, ки низоми нави кор чӣ гуна фаъолият нишон хоҳад дод. Механизмҳои кори ҳадафманд ва шахсони масъул оид ба масъалаҳои бо ҷойи кор таъмин намудани пардохткунандагони алимент, пешгирии таъхир дар пардохти маош, баррасии шикоятҳо аз фаъолияти ширкатҳои хидматрасонии идоракунии хонаҳо ва кормандони мақомоти давлатӣ, инчунин муроҷиатҳо оид ба таъмини манзил ва таъйини нафақа муайян карда шуданд.

Супориш дода шуд, ки дар давоми нимсолаи аввал шаҳри Қаршӣ ба намунаи беҳтарини кор нисбати муроҷиатҳо табдил дода шавад. Муайян гардид, ки дар ин раванд ҳокими вилоят, муовинони ӯ ва роҳбарони ташкилотҳои ҳудудӣ дастгирии хубро ба роҳ монанд.

Дар маҷмӯъ ба ҳокимони тамоми минтақаҳо ва 208 ноҳияву шаҳр супориш дода шуд, ки низоми дар мисоли шаҳри Қаршӣ ҷориро самаранок истифода намоянд ва ташвишҳои мардумро сабук гардонанд. Ҳар моҳ дар Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ нақшаҳои кор дар ин самт тасдиқ ва ба аҳолӣ эълон карда мешаванд.

Дар ҷамъомад инчунин чораҳои иловагӣ барои боз ҳам тақвият бахшидани фаъолияти Қабулгоҳҳои халқӣ муайян гардиданд.

Ба Маъмурияти Президент супориш дода шуд, ки якҷо бо ҳокимон Қабулгоҳҳои халқиро бо мутахассисони пешқадами замонавӣ, ки моҳияти мушкилотро хуб дарк мекунанд, мукаммал намоянд ва ҳамчунин фаъолияти гурӯҳи махсуси назоратиро барои таҳлили мунтазами муроҷиатҳо ба роҳ монанд.

Департаменти коммуникатсияи Маъмурияти Президент ҳар моҳ муроҷиатҳои ба Қабулгоҳҳои халқӣ воридшударо таҳлил ва ҷамъбаст намуда, онҳоро ба вазирон ва ҳокимон мерасонад, инчунин иҷрои онҳоро назорат мекунад. Дар Департамент ҳисоботи роҳбаронро оид ба масъалаҳое, ки ба рӯҳияи ҷамъият таъсир мерасонанд, шунида, доир ба самтҳои муҳимтарин ба Ҳукумат пешниҳодҳо пешниҳод тақдим менамояд.

Дар Ҳукумат Ситоди фаврӣ таъсис дода мешавад, ки аз роҳбарони вазорату идораҳо иборат хоҳад буд. Масъалаҳои бардошташуда бо баромадан ба маҳалҳо дар қисмати минтақаҳо ва соҳаҳо ҳал карда мешаванд.

Қарор қабул гардид, ба Қабулгоҳҳои халқӣ ваколат дода шавад, то ба идораҳое, ки тартиби баррасии муроҷиатҳоро вайрон мекунанд, дастурҳои ҳатмӣ ирсол намоянд. Ҳамчунин рейтинги мақомоти давлатӣ бобати кор бо муроҷиатҳоро тартиб дода, ҳар шаш моҳ нашр намоянд.

Масъулияти «ҳафтгонаи маҳалла» дар самти кор бо муроҷиатҳо ба таври ҷиддӣ зиёд карда мешавад. Дар Қабулгоҳи виртуалии Президент барои ҳар як маҳалла кабинети алоҳида таъсис дода мешавад, ки онро пешвои ҷавонон ва раиси маҳалла пеш мебаранд. Онҳо сабабҳои муроҷиатҳоро меомӯзанд ва ҳар рӯз ба ҳокимон маълумот пешниҳод мекунанд.

Илова бар ин, нисбат ба роҳбарони ташкилотҳое, ки муроҷиатҳоро бе ягон асос ба сохторҳои поёнӣ мефиристанд, чораҳои қатъӣ андешида мешаванд ва масъулият барои вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ оид ба муроҷиатҳо пурзӯр мегардад.

Президенти кишвар инчунин ба як ҷанбаи муҳими дигар ишора кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ дар баробари муроҷиатҳои шаҳрвандон яке аз манбаъҳои калидӣ барои муайян кардани самтҳои сиёсати давлатӣ ва ислоҳот, қабули қарорҳои дуруст дар вазорату идораҳо, инчунин барои дарки рӯҳияи ҷомеа ва мушкилоти воқеии аҳолӣ мебошанд.

Аз ин рӯ таъкид гардид, ки бояд миқёс ва сифати чунин таҳқиқот густариш дода шавад. Минбаъд бо пурсишҳои якдафъаинаи афкори умум маҳдуд нашуда, барои муайян кардани он ки дар кадом минтақаҳо сатҳи эътимод меафзояд ва дар куҷо коҳиш меёбад, кадом қарорҳо одилонаанд ва кадомашон ба манфиати мардум ҷавобгӯ нестанд, мониторинг ва таҳлили доимӣ гузаронида мешавад.

Ба Департаменти коммуникатсияи Маъмурияти Президент ва Институти таҳқиқоти стратегӣ ва байниминтақавӣ супориш дода шуд, ки методологияи баҳодиҳии фаъолияти роҳбарони минтақаҳо ва соҳаҳоро таҳия намуда, дар асоси таҳлил рейтинги онҳоро тартиб диҳанд ва мунтазам ба Президент тақдим намоянд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои интизоми иҷроия ба зарурати назорати ҳаррӯзаи иҷрои воқеии ҳар як вазифаи гузошташуда диққати махсус дода шуд, инчунин таъкид гардид, ки оид ба роҳбароне, ки масъулиятро эҳсос намекунанд ё сусткорӣ зоҳир менамоянд, маълумоти объективӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷамъомад инчунин маърӯзаҳои роҳбарони минтақаҳо ва идораҳо шунида шуданд.

**ЎзА.**

# ЎЗБЕКИСТОН – ТОҶИКИСТОН: ДУРНАМОИ НАВИ ИТТИФОҚӢ ВА ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ

***Бо ташаббуси Институти байналмилалии Осиёи Марказӣ дар ҳамкории Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ-амалӣ таҳти мавзӯи «Ўзбекистон – Тоҷикистон: дурнамои нави иттифоқӣ ва ҳамкории минтақавӣ» баргузор гардид.***

Намояндагони вазорату идораҳои соҳавӣ, доираҳои соҳибкорӣ, марказҳои таҳлилӣ ва ҷомеаи илмӣ, намояндагони марказҳои миллӣ-фарҳангии ҷумҳурӣ ва воситаҳои ахбори оммавӣ иштирокдорони чорабинӣ буданд.

Барномаи конфронс аз се марҳила иборат буд: 1. Ўзбекистон ва Тоҷикистон: ба сӯи сифати нави шарикии иттифоқӣ. 2. Дурнамои ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои иқтисод, нақлиёт, маориф, илм, фарҳанг ва сайёҳӣ. 3. Таҳкими ҳамкории ду кишвар дар формат ва сохторҳои минтақавии бисёрҷониба.

Қайд гардид, ки муносибатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар солҳои охир бо сатҳи баланди ҳамкорӣ тавсиф мешаванд. Соли 2024 ба имзо расидани «Шартнома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ» заминаи марҳилаи нави босифати ҳамкории дуҷонибаро фароҳам овард.

– Татбиқи амалии тавофуқҳои бадастомада дар мунтазам баргузор шудани тамосҳо байни Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон инъикос меёбад. Дар соли 2025 чор мулоқоти шахсӣ ва се суҳбати телефонӣ байни роҳбарони давлатҳо баргузор гардид. Чунин динамика платформаи устуворро барои ҳамоҳангсозии ташаббусҳои муштарак ва татбиқи лоиҳаҳои дуҷониба дар соҳаҳои савдо, сармоягузорӣ ва ҳамкории фарҳангӣ фароҳам овард, – гуфт муовини мушовири Президент оид ба сиёсати хориҷӣ, директори Донишкадаи байналмилалии Осиёи Марказӣ Ҷавлон Ваҳҳобов.

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода таъкид намуд, ки ба туфайли ҳамкории наздик дар солҳои охир дар соҳаи савдо-иқтисодӣ низ динамикаи мусбат мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, тибқи натиҷаҳои соли 2025, гардиши мол байни кишварҳо 912 миллион долларро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 30 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ҷараёни музокироти сатҳи олӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳаҷми савдои мутақобиларо то 2 миллиард доллар расонанд.

Ҳамкории сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ пайваста рушд ёфта, заминаи устувори шарикии дарозмуддати иқтисодиро фароҳам меорад. Дар Ўзбекистон 343 корхона бо иштироки сармояи Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва тибқи натиҷаҳои соли 2024 51 миллион доллар сармоягузории Тоҷикистон ба амал татбиқ шудааст.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки кишварҳо ба таҳкими робитаҳои фарҳангиву инсонпарварӣ аҳамияти махсус медиҳанд. Дар соли 2025 намояндагони Ўзбекистон дар Ҷашнвораи ҷаҳонии Наврӯз дар Душанбе иштирок карданд. Ҳамчунин Театри давлатии академии калони Ўзбекистон дар саҳнаи Театри ба номи С. Айнӣ барномаи ҳунарӣ пешниҳод кард, ки марҳилаи муҳим дар ҳамкории фарҳангии ду кишвар арзёбӣ гардид.

Кишварҳо инчунин дар доираи форматҳо ва сохторҳои байналмилалӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Дар ин самт ҳамкорӣ дар доираи Мулоқотҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муҳим дорад, ки ба пешбурди муштараки масъалаҳои таҳкими амнияти минтақавӣ, густариши ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва рушди устувори тамоми минтақа мусоидат мекунад.

– Конфронси илмӣ-амалии имрӯза имконият фароҳам меорад, ки масъалаҳои асосии рушди шарикии Ўзбекистон ва Тоҷикистон баррасӣ шуда, роҳҳои амиқтар гардондани ҳамкории тиҷоратӣ дар соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла дар доираи мулоқотҳои машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шаванд ва тавсияҳои амалӣ таҳия гарданд, – гуфт ба тариқи онлайн директори Институти тадқиқоти мушкилоти Осиё ва Аврупои Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Ҳайдарзода.

Ҳадафҳои асосии чорабинӣ аз баррасии вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ўзбекистон ва Тоҷикистон, таҳияи пешниҳодҳои амалӣ барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо, сармоягузорӣ, нақлиёт, логистика, кооператсияи саноатӣ ва рушди сармояи инсонпарварӣ, мусоидат ба таҳкими робитаҳои устувори коршиносӣ ва институтсионалӣ байни марказҳои таҳлилӣ, муассисаҳои илмӣ ва доираҳои соҳибкории ду кишвар буд.

Дар поёни конфронс оид ба амиқтар гардондани муносибатҳои иттифоқӣ дар сатҳи олӣ, густариши ҳамкории дар самтҳои афзалиятнок ва рушди ҳамкории минтақавӣ пешниҳодҳо ироа гардиданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



***Тозагӣ ойинаест, ки сатҳи фарҳанг, масъулият ва ахлоқи инсонро инъикос мекунад. Ҷомеа бошад аз рӯйи тозагии муҳити зист арзёбӣ карда мешавад. Ҷое, ки тоза аст, дилҳо ором, фикрҳо равшананд ва зиндагӣ бо хушию хурсандӣ ҷараён мегирад.***

# ОБОДИИ МАҲАЛЛА АЗ ТОЗАГӢ ОҒОЗ МЕЁБАД

## *ё худ меҳнати ноаёни кормандони соҳаи ободонӣ*

Имрӯз масъалаи тозагӣ аҳамияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Кӯчаҳои пур аз партов, ҳавои олуда ва муҳити ифлос на танҳо ба ҳусни шаҳр таъсир мерасонад, балки ба саломатии инсон низ хатар эҷод мекунад. Табибон борҳо таъкид кардаанд, ки бисёр бемориҳо маҳз аз муҳити нопок сар мезананд.

Тозагӣ аз худи мо оғоз меёбад. Аз напартофтани як коғаз ба замин, аз ҳифзи як дарахт ва аз тоза нигоҳ доштани ҳавлие, ки ҳар саҳар рубучин мекунем. Агар ҳар як шаҳрванд худро масъул ҳис кунад, атрофу муҳит худ ба худ симои дигар мегирад.

Хушбахтона, дар ҷомеаи мо анъанаи покизарӯзгорӣ решаҳои чуқур дорад. Дар фарҳанги ниёгонамон тозагӣ ҳамеша ҳамқадами имон дониста мешуд.

Чуноне ки Паёмбари Ислом (с.а.в.) фармудаанд: «Тозагӣ нисфи имон аст». Аз ин рӯ вазифаи мо ин арзишро ба насли нав – на танҳо бо сухан, балки бо амал расондан мебошад.

Ҳар саҳар, вақте ки мардум ба кори худ мешитобанду ба ҳаёти рӯзмарра ворид мешаванд, гурӯҳе аз одамон аллакай ба кори пурмашаққати худ оғоз мекунанд. Инҳо кормандони соҳаи ободонӣ мебошанд – нафароне, ки бо меҳнати содиқонаи худ симои шаҳру деҳотро зебо ва зиндагиро бароҳат мегардонанд.

Тозагӣ, тартиб ва ободии кӯчаю хиёбонҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии ҳамин кормандон аст. Онҳо дар гармои тоқатфарсои тобистон, дар сармои зимистон ва ҳатто дар рӯзҳои боронӣ аз кори худ даст намекашанд. Ҷорӯб ба даст бо масъулият, ҳар рӯз кӯчаҳоро тоза, партовҳоро ҷамъ ва муҳити зистро тоза нигоҳ медоранд.

Мутаассифона, на ҳамеша заҳмати онҳо қадр мешавад. Мо аксар вақт танҳо натиҷаи кори онҳоро мебинем, аммо дар бораи машаққат, сабр ва меҳнати онҳо кам меандешем. Ҳоло вақти он расидааст, ки ба меҳнати ин шахсон бо чашми дигар нигарем: бо эҳтиром, қадршиносӣ ва дастгирӣ. Як сухани сипос, як муносибати нек ва як риояи тозагӣ аз ҷониби ҳар яки мо метавонад қадре аз заҳмати онҳоро сабуктар намояд.

Имрӯз кормандони соҳаи ободонии ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд бо фаъолияти намунавии худ нишон медиҳанд, ки ободии маҳал аз ҳисси масъулият ва муҳаббат ба ҷойи зист оғоз меёбад. Онҳо бо фаъолияти худ на танҳо атрофу муҳитро тоза нигоҳ медоранд, балки фарҳанги шаҳрнишинӣ ва эҳтиром ба меҳнатро низ дар ҷомеа тарғиб менамоянд.

– Корҳои созандагие, ки дар кишварамон анҷом дода мешаванд, барои арҷгузории шаъну шарафи инсон ва беҳтар кардани зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст, – мегӯяд сармутахассиси корхонаи ободонии ноҳияи Мирзо Улуғбек Луиза Зиёева. – Тибқи қарори Президент «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба ободонӣ, кабудизоркунӣ ва куллан беҳтар кардани намуди зоҳирии маҳаллаҳо» як қатор вазифаҳо барои фаъолияти Раёсати ободонӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар солҳои охир барои барқарорсозӣ ва муосирсозии шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани инфрасохтори роҳу нақлиёт чораҳои васеъмиқёс амалӣ шуданд. Ободкунии шаҳрҳо, марказҳои вилоят ва ноҳияҳо, шаҳракҳо ва маҳаллаҳо, аз ҷумла тавассути тақвияти пойгоҳи моддию техникии шуъбаҳои ободонӣ ва муҷаҳҳаз кардани онҳо бо воситаҳои нақлиёти махсус ва муосир ба куллӣ беҳтар карда шуд. Як қатор чораҳо барои такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа андешида шуданд.

Ҳар сол саросари кишвар бахри вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ чорабиниҳои васеъмиқёс баргузор мегарданд.

Тибқи фармони Девони Вазирон, дар доираи Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» дар «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» ва лоиҳаи миллии «Макони сабз», ду рӯз аст, ки таҳти шиори «Ободии кишвар, пеш аз ҳама, аз маҳалла оғоз мешавад!» ҳашари умумихалқӣ баргузор мегардад. Ҳадафи ҳашар татбиқи чораҳо оид ба ободонии маҳаллаҳо, майдонҳо, мавзеъҳои истиқоматӣ, майдончаҳои бозӣ, зиёратгоҳу қабристонҳо, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва фарҳанги санитарию гигиенӣ мебошад.

Дар партави қарору дастурҳо ҷиҳати вусъат бахшидани ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳаллаҳои «Алишер Навоӣ», «Шукур Бурҳонов», «Катта Қарасув», «Олтинтепа», «Султония», «Мевазор», «Гулзоробод» ва дигар маҳалҳои ноҳия корҳои зиёде анҷом меёбанд, ки ин иқдом барои беҳдошти муҳити зист ва таҳкими фарҳанги тозагӣ равона карда шудааст. Ин гуна ташаббусҳо ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақвият медиҳанд. Зеро ободии ҳар маҳал аз масъулият ва саҳми ҳар яки мо оғоз меёбад.

– Тозагӣ эҳтиром ба худ, ба дигарон ва табиат аст. Агар мо ояндаи солим ва зеборо хоҳем, пас бояд имрӯзро аз тозагӣ оғоз кунем. Зеро ҷомеаи тоза – ҷомеаи пешрафта аст, – мегӯяд сардори ҳудуди корҳои ободонии мавзеи Қарасу Соҳиба Юсупова. – Ман 40 сол инҷониб дар ин соҳа кор мекунам. Аз ноҳияи Янгиобод пагоҳӣ соати 7 ба кор меоям. Кори мо пурмашаққат, аммо шарафнок аст. Моҳонаам 4 миллион сӯмро ташкил медиҳад, аммо аз рӯйи собиқаи корӣ маошамон меафзояд, ки ин моро руҳбаланд мекунад. Аз ҷониби роҳбарияти корхона ва ҳокимият ходимони фаъол рағбатонида мешаванд. Инчунин барои хӯрок ҷубронпулӣ пардохт мешавад.

– Баъзан ба мо намояндагони баъзе ташкилот ё одамони саховатпеша чой, қаҳва ё хӯроки гарму ширинӣ пешкаш мекунанд, – гӯён ба суҳбати мо ҳамроҳ шуданд кормандони дигар Ойсулув Алпомишова, Холида Исроилова ва Наргиза Ғойибназарова. – Онҳо бо ин роҳ барои меҳнату заҳмати мо изҳори сипос мекунанд. Мо фахр мекунем, ки дар таъмини тозагӣ, зебою дилнишин шудани кӯчаю хиёбонҳои кишвар саҳм мегузорем.

Бояд қайд кард, ки дар бисёр минтақаҳо партовпартоӣ ба ҷойҳои номуайян, саривақт тоза накардани иншооти истиқоматӣ ва иҷтимоӣ, беэътиноӣ ба майдончаҳои бозии кӯдакон як ҳодисаи маъмулӣ аст. Ин аз як тараф, ба фарҳанги нокифояи экологии аҳолӣ ва аз тарафи дигар, ба он вобаста аст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифаҳои худро ба таври кофӣ иҷро намекунанд.

Чуноне ки Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кардааст, бунёдкорӣ ва ободонӣ рамзи асосии рушд ва шукуфоии Ўзбекистон мебошад. Беҳбудиҳои бузурги инфрасохторӣ, кабудизоркунии маҳалҳо ва бунёди боғҳои нав намуди зоҳирии кишварро ба куллӣ тағйир дода, сатҳи зиндагии аҳолиро баланд мебардоранд.

Аз ин рӯ, сокинон бояд дарк кунанд, ки ҳар яки мо барои нигоҳ доштани тозагӣ ва тартибот дар кӯчаву хиёбонҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ масъулем, зеро ҳар минтақаи тоза макони солим ва ҷолиб барои зиндагӣ аст, ки дар он роҳат ва оромӣ ҳукмронӣ мекунад.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




## ВОХӮРИИ МУОВИНИ ВАЗИР БО ҶАВОНОН

***Дар «Маркази маданият»-и ноҳияи Чуст, дар доираи Рӯзи ҷавонон вохӯрии муовини вазири таълими томактабӣ ва мактаб бо ҷавонон баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ муовини вазир Фарҳод Боқиев, масъулони соҳа, роҳбарони ташкилоту идораҳои дахлдор ва ҷавонон иштирок намуданд.

Дар рафти суҳбат муроҷиатҳо ва пешниҳодҳои ҷавонон муҳокима гардида, баъзе масъалаҳо дар ҷояш ҳал карда шуданд. Инчунин, дар рафти мулоқот дар бораи имкониятҳои фароҳамовардашуда барои таҳсил, ислоҳоти татбиқшаванда дар соҳаи маориф ва сиёсати давлатӣ, ки ба дастгирии ҷавонон нигаронида шудааст, маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Чунин вохӯриҳо барои дастгирии пешниҳод ва нақшаҳои ҷавонон, афзоиши иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷомеа хидмат мекунанд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*

## МУЛОҚОТ БО МАҚСАДИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРӢ

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Фурқат»-и ноҳияи Тошлоқ бо иштироки ҷавононе, ки ба ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ майл доранд, вохӯрии «Пешво ва ҷавонон» баргузор гардид.***

Ин мулоқот бо мақсади пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ба вуқӯъ пайваст. Интизор меравад, ки баъди чунин мулоқотҳои муфид дар ҷамоати шаҳрвандон теъдоди шаҳрвандони фаъол ва масъулиятшинос рӯ ба афзоиш хоҳад овард.

Дар рафти мулоқот мушкилоти ҷавонон ва масъалаҳое, ки онҳоро нигарон мекунанд, ба миён гузошта шуданд. Гурӯҳи мутахассисон ва масъулини идораҳои марбута ба аҳамияти роҳнамоии ҷавонон ба самти дуруст, ташкили пурмазмуни вақти холии онҳо, ҷалби ҷавонон ба чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, инчунин пешгирии ҳолатҳои манфӣ аз тариқи роҳнамоии онҳо ба таҳсил ва касб аҳамияти махсус зоҳир намуданд.

Қайд карда шуд, ки масъулин шароити заруриро барои ҳар як ҷавон фароҳам меоранд, то ки онҳо дар ҷомеа мақоми сазовор дошта бошанд, таҳсил кунанд ва барои пайдо кардани мавқеъ дар ҷомеа имконият ба даст оваранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ҚАБУЛИ САЙЁРИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ

***Дар бинои Маркази малакаҳои касбии шаҳри Бухоро қабули сайёри ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба амал омад.***

Дар чорабинӣ на фақат сокинони шаҳри Бухоро, балки намояндагони дигар ҳудудҳои вилоят низ иштирок карданд. Дар давоми қабул, ки қариб 10 соат идома ёфт, муроҷиати 147 нафар шаҳрвандон оид ба соҳаи коммуналӣ, рафъи бекорӣ, муолиҷа, кумаки моддӣ, соҳибкорӣ, сохтмон ва меъморӣ, манзилу замин, мурофиаи судию ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, масъалаҳои ба манфиати умум дахлдошта аз қабили таъмири роҳ, таъминоти барқ, тоза кардани рӯду заҳкаш низ шунида шуд. Масъалаҳое, ки имконияти ҳалкунӣ доштанд, фавран бартараф карда шуданд. Масъалаҳое, ки барои омӯхтанашон вақт, бахри амалӣ гардонданашон маблағ талаб мекард, иҷрои он дар муддати муайян ба мутасаддиёни соҳа ҳавола гардид. Байни муроҷиаткунандагон шаҳрвандоне низ буданд, ки баъди ҳалёбии масъалаҳояшон пас аз муроҷиат ба ҳокими вилоят дар қабули пештара баҳри сипос омадаанд.

Дар доираи барномаи қабули сайёр назорати тиббии аҳолӣ низ сурат гирифт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Дар шаҳри Намангон марҳилаи ҳалкунандаи ҷумҳуриявии озмуни «Оилаи ҷавони китобдӯст» баргузор гардид, ки он дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» бо пешниҳоди Президенти кишвар ташкил карда шудааст.*

*Дар ин марҳила 14 ҷуфти оилавии то 30-сола аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, тамоми вилоятҳо ва пойтахт иштирок карданд.*

*Қайд кардан лозим аст, ки ин лоиҳа дар тарғиби фарҳанги китобхонӣ миёни оилаҳои ҷавон ва рушди муҳити эҳтироми мутақобил нақши муҳим мебозад. Мисоли равшани ин он аст, ки тақрибан 97 ҳазор оилаи ҷавон аз саросари кишвар барои иштирок дар мавсими нави озмун ба таври онлайн ариза пешниҳод кардаанд.*

*Аз рӯйи натиҷаҳои озмун, оилаи Эшонқуловҳо, ки дар маҳаллаи «Қуёш»-и шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд зиндагӣ мекунанд, бештарин холҳоро ба даст оварда, ғолиби озмуни «Оилаи ҷавони китобдӯст» гардида, соҳиби автомобили барқии BYD Chazor шуданд.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***




# ИНЪИКОСИ ОЙИНҲОИ НАВРӮЗӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

***Осори адабиву бадеӣ, илмӣ ва ёддоштҳои Устод Айнӣ он қадар серпаҳлу мебошанд, ки онҳо нафақат пояи адабиёти навини тоҷикро гузоштаанд, балки асоси илмии таъриху фарҳанги мардумро низ бозгӯ намудаанд. Устод Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик», «Ёддоштҳо» ва дигар осори илмиву тадқиқотиаш аз нав ба халқи тоҷик ҷон бахшид. Бахусус, агар «Намунаи адабиёти тоҷик» шаҳодатномаи миллати мо бошад, «Ёддоштҳо» моҳият ва аҳамияти таърихии онро баррасӣ намудааст.***

Бо гузашти солҳо таъсири осори илмию бадеии устод барои ташаккули маърифат ва маънавияти инсоният, хосатан Осиёи Миёна бештар мегардад. «Ёддоштҳо», бидуни шубҳа, таърихномаи мардуми Бухоро буда, барои дарки таърихи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои садаи XX муҳимтарин сарчашмаи омӯзиш ва тадқиқ мебошад.

Хидматҳои устод Айнӣ натанҳо дар рушди адабиёти тоҷик, балки дар пешрафти илмҳои адабиётшиносӣ, таърих, мардумшиносӣ, яъне аз нав эҳё намудани урфу одат ва ҷашнҳои миллӣ беназир аст. Устод Айнӣ тавонист, ки адабиёт, таърих ва фарҳанги тоҷиконро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад, халқи бумӣ ва қадимӣ будани онро дар ҳудуди Осиёи Миёна собит намояд.

Чанде пеш мо нашри нави «Ёддоштҳо»-ро (Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2020) хондем, ки аз панҷ қисм иборат буда, дар як китоб мунташир шудааст. Дар он навиштаи «Иди наврӯзӣ ва сайри Ширбадан» диққатамонро бештар ҷалб намуд. Зимни мутолиа дарк кардем, ки урфу одат ва анъанаҳои наврӯзӣ тайи ҳазорсолаҳо то ибтидои садаи XX иҷро мешудаанд. Солҳои ҳукмронии шӯроҳо таҷлили иди Наврӯз хеле маҳдуд гардида буд. Шукр, ки пас аз ноил шудан ба Истиқлоли давлатӣ ҷашни Наврӯз шукӯҳ ва шаҳомати нав пайдо кард, урфу одат ва анъанаҳои наврӯзӣ эҳё гардиданд. Аз 30 сентябри соли 2009 бошад, ҷашни Наврӯз мақоми ҷаҳонӣ пайдо кард ва ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият (ЮНЕСКО) дохил гардида, соли 2010 бори аввал дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил шуд.

Дар бораи Наврӯз бисёр навиштаанду менависанд. Чунки Наврӯз достони зебоист. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки бардавомии анъанаҳои наврӯзиро дар заминаи осори барои мо вогузоштаи устод Айнӣ ба хонанда пешкаш намоем.

Наврӯз барои тоҷикон танҳо як иди фаслӣ нест. Ин ҷашн, дар зеҳну шуури мардум, рамзи «рӯзи нав», оғози ҳаракат, эҳёи табиат ва бедории инсон аст. Наврӯз ҳамзамон ойини таърихист, ки тавассути он метавон зиндагии маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии гузаштагонро дарк кард. Аз ҳамин ҷиҳат, тасвири Наврӯз дар осори устод аҳамияти хоса дорад. Ӯ ҳамчун нависанда ва муаррих, бо чашми мушоҳидагар ва забони зинда, нафақат анъана ва расму ойинҳоро ба қалам медиҳад, балки заминаи амиқи иҷтимоӣ ва маънавии онҳоро низ ошкор месозад.

Дар «Ёддоштҳо» Наврӯз ҳамчун як падидаи фарогир ифода меёбад. Мо Наврӯзро ҳам дар ҷашнҳои мардумӣ, ҳам дар маросимҳои расмии аморат, ҳам дар сайру тамошоҳои баҳорӣ, ҳам дар шаклҳои гуногуни суруру бозӣ мебинем. Ҳатто он дар ҷое, ки Айнӣ гӯё танҳо хотираи як сафар ё як саҳнаи идонаро қисса мекунад, фарҳанги замон, шеваи зист, муносибати мардум ва рӯҳи ҷамъиятро нишон медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими Наврӯз дар тасвири Айнӣ ин аст, ки ӯ онро ҳамчун иди куҳану миллӣ мебинад. Наврӯз аз назари устод ҷашнест, ки мардумро ба ҳам меорад ва ба онҳо эҳсоси ягонагӣ медиҳад. Ин ҷашн, пеш аз ҳама, бо баҳор пайвандӣ дорад. Баҳор гӯё зиндагӣ аз нав оғоз меёбад, табиат аз хоб бедор мешавад, инсон низ бо он ҳамнафас мегардад.

Ба қавли устод Айнӣ: «Дар замонҳои пеш деҳқонони тоҷик пеш аз соли нав ва моҳи ҳамал дар ҳар деҳа ба майдонҳо ҷамъ шуда гӯштигирӣ ва дигар ҳаракатҳои баданӣ карда, гӯё ба тани аз сармои зимистон афсурдашудаашон қуввати нав медоданд ва дар аввали ҳамал се рӯз сайру гашти умумӣ карда, ба киштукор медаромаданд.» («Ёддоштҳо», саҳ. 584). Аммо барои табақаи ҳоким ва муҳити расмӣ Наврӯз як имкони намоиш, ҳам як абзори идоракунии ҷамъият буд. Устод ин фарқиятро бо мисолҳои ҳаётӣ ва бо муқоисаҳои табиӣ баён мекунад.

Аз ин ҷо хулосаи аввал бармеояд, ки Наврӯз дар «Ёддоштҳо» на танҳо иди баҳор, балки оинаи ҳаёти ҷомеа аст. Ба воситаи Наврӯз мо мебинем, ки ҷомеа чӣ гуна ташкил ёфта буд, мардум чӣ гуна зиндагӣ мекарданд...

Дар баробари ин, Наврӯз ҷашни сухан ва ҳунар низ будааст: ҳофизон суруд мехонданд, мусиқорон менавохтанд, дорбозон бозӣ ва мардум бо завқ тамошо мекарданд. Яъне, Наврӯз иди фарҳанг низ ҳаст. Дар он ҳатто шахсе, ки аз зиндагӣ хаста аст, рӯҳи тоза мегирад, хушумед мегардад. Шоирон илҳом гирифта шеър эҷод мекарданд. Ин ҳодиса дар фаъолияти эҷодии устод низ хуб ба мушоҳида мерасад. Айнӣ менависад: «... дар сайри Ширбадан сирки русиро аввалин бор дидам ва чунонки дар достони «Сайри Ширбадан» ёд карда шуд, аз бозигарони сирк Нина ном духтарча диққати ҳамаро ва аз он ҷумла, диққати маро ҷалб намуд, ман пеш аз навиштани достони мазкур дар бораи он духтарча ғазале ба тарзи мувашшаҳ тасвид намуда навишта будам». Чор мисраи аввали он ин аст:

*Нозукбутеро дар сайргаҳ дӯш,*
*Дар сирк дидем, гаштем мадҳӯш.*
*Европазоде, русинажоде,*
*Насринбарудӯш, софибаногӯш...*

Дар «Ёддоштҳо» устод Айнӣ аз саҳнаҳои сайрҳои амирро низ ёд мекунад. Дар ин маврид ҷашн дигар шакли «халқӣ» надорад, он шабеҳи «маросими намоиши қудрат» мешавад.

Дарбор Наврӯзро бо шукӯҳ таҷлил мекард, аммо ин шукӯҳ аксар вақт бо меҳнати маҷбурӣ ва хароҷоти мардум пайваст мешуд. Барои зебу зинат ва баргузории намоиш аз ноҳияҳо созандагон, паҳлавонон, ҳунармандон, одамонро меоварданд, то ҷашни амирро «диданиву зебо» кунанд. Вале ин тамошоҳо гоҳе тӯлонӣ мешуданд ва ба кори мардум таъсири нохуш мерасонданд, яъне кишту кори баҳорӣ ақиб меафтод, зиндагии одӣ халалдор мешуд. Устод Айнӣ ин равандро хеле хуб ба тасвир додааст. Ӯ менависад: «Аз амирони Бухоро он касе, ки иди Наврӯзро аз шакли халқигӣ баровар да ба вай ранги расмият дод, амир Музаффар буд... Ӯ дар ҳар ҷо, ки манзил кунад, чавкӣ (базми умумӣ) барпо карда, мардумро ба тамошои он машғул мекард, то ки ба ин восита оммаи халқро водор кунад, ки аз кирдорҳои нописанди ӯ чашм пӯшанд... Аз ин ҷумла, ӯ дар Ширбадан ном чорбоғи худ, ... ҳар баҳор сайри наврӯзӣ ташкил медод, ин сайрҳои вай то ду моҳ, ҳатто то ҳафтод рӯз давом мекард.Ӯ дар ин сайр аз туманҳо (районҳо), Бухоро ҳама созандагон ва паҳлавонони халқро ба тарзи маҷбурӣ меовард ва онҳоро чор ҳокими туман (қозӣ, раис, амлокдор ва миршаб) ғундошта меоварданд».

Ин ҷо устод ба як масъалаи муҳим ишора мекунад. Наврӯз, ки дар асл иди эҳёи табиат ва меҳнат аст, дар муҳити расмӣ метавонад ба амри баръакс, ба сабаби бозмондани меҳнат табдил шавад. Ин зиддият худ як паёми иҷтимоӣ дорад, ойин вақте ҳақиқатан зинда мемонад, ки бо зиндагии мардум ҳамоҳанг бошад, на ба намоиши зоҳирӣ табдил ёбад.

«Бо сабаби дар аввали баҳор, дар вақти ба ҳаракат омадани тамоми растаниҳо рост омадани ин иди табиат инсон ҳам ба ҳаракат меомад. Аз ин ҷост, ки тоҷикон «ҳамал-ҳама дар амал» мегӯянд. Дар ҳақиқат, ин ид ба ҳаракат омадани киштҳои ғалладона ва сар шудани кишту кори дигар ҳосилоти заминӣ буд, ки инсонро сер карда, сабаби бақои ҳаёти ӯ мешуданд», мегӯяд устод.

Яке аз арзиши «Ёддоштҳо» устод ҳамин ҷанбаи тарбиявӣ доштани он аст. Устод Айнӣ насли наврасро бо расму ойинҳои гузашта шинос мекунад.

Умуман, ойинҳои наврӯзӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бо тамоми рангу бӯйи худ инъикос ёфтаанд. Устод Наврӯзро ҳамчун иди куҳан ва миллӣ, оғози баҳор ва эҳёи табиат, ҷашни мардумӣ ва маросими расмӣ ба қалам медиҳад.

Инъикоси ойинҳои наврӯзӣ дар «Ёддоштҳо» танҳо як мавзӯи этнографӣ ё худ мардумшиносӣ нест, он як воситаи нишон додани ҷомеа, таърих ва рӯҳи миллат аст. Вақте асарро мехонем, мо танҳо аз анъанаҳои наврӯзӣ огоҳ намешавем, балки дарк мекунем, ки ҷашнҳои миллӣ чӣ гуна метавонанд ҳамдилӣ эҷод кунанд, фарҳангро зинда доранд.

**Ҳилола ҒУЛОМОВА,**
**муҳаққиқ.**
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Ҳифзи сиҳҳатии пиру ҷавони мамлакатамон ҳамеша дар мадди назар аст. Сарвари давлатамон аз рӯзи аввали вазифаи роҳбарӣ ба соҳаи тандурустӣ бахусус, фарматсевтика эътибори алоҳида дод. Аз ҷумла, рӯйихати доруворӣ беморони дар шароити амбулаторӣ муолиҷашаванда васеъ гардонда шуд.***

# ДОРУҲОИ БЕПУЛ БОЯД САРИВАҚТ ДОДА ШАВАД

Дар мамлакатамон беморони онкологӣ, сил, махав, эндокрин, рӯҳӣ, бемороне, ки ҷарроҳии протези сарпӯши дил ва кӯчонидани узвҳоро аз сар гузарониданд, гемодиализ мегиранд, нафақахӯрони якка, ки муҳтоҷи парвариши дигаронанд, иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва шахсони бо ӯ баробар ва ғайра ҳуқуқ доранд мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳифзи сиҳҳатии шаҳрвандон», «Дар бораи фаъолияти фарматсевтика ва воситаҳои доруворӣ» ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба «Таъмини дорувориҳои боимтиёз дар амбулатория» аз дорувориҳои барои касалии онҳо пешбинишуда ва бо пешниҳоди мутахассиси соҳа бепул истифода баранд.

Ба мақсади аз имкониятҳои фароҳамовардашуда то чӣ андоза истифода бурдани шаҳрвандонро донистан, роҳи поликлиникаи рақами 66-уми ноҳияи Янгиҳаёти пойтахтро пеш гирифтем.

Ҳамсуҳбатамон бошандаи маҳаллаи Гулшанобод Ҳақбердӣ Тилаковро аз соли 2012 инҷониб бемории фишори баланди хун безобита мекардааст. Баъдтар ба ӯ ташхиси касалиҳои қанд, аритмия ва хурӯҷи дилро гузоштаанд. Азбаски бо бемории диабети қанд ба рӯйихат гирифта шудааст, доруи «Метформин» ба ӯ бепул дода мешуд. Аммо аз сабаби норасоӣ моҳҳои ноябр, декабри соли гузашта ин дору ба ӯ дастрас нашудааст.

Ба гуфтаи Ҳ. Тилаков, вақтҳои охир касалии меъдаву рӯда низ ӯро азият медодааст. Баъди ташхисгузорӣ ба ӯ доруи «Sakolin»-ро додаанд, ки ба муддати охири истеъмоли он як моҳ монда будааст.

– Табиист, ки ин дору то муддати охир дар дасти ман боқӣ мемонад. Ман хоҳиш мекунам, ки мутасаддиён сари вақт ва дар муддати тӯлонӣ додани доруҳои заруриро таҳти назорат гиранд. То ки чунин ҳолат сабаби асабонӣ шудани бемор нагардад, ҳазорон нафар беморон аз имтиёзот истифода баранд ва баробари ин буҷети давлат низ зарар набинад.

Пас аз он бо сардухтури поликлиникаи мазкур Сайидо Худойбердиев суҳбат оростем. Ӯ таъкид кард, ки ҳоло мувофиқи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав беш аз 80 намуди доруворӣ ба аҳолӣ бепул дода мешавад. Маблағе, ки барои ин ҷудо карда мешавад, се баробар зиёдтар гашт. Ҳоло дар саросари мамлакатамон ба беморони диабети қанд доруҳои инсулин ва метформин ва ба 300 ҳазор нафар, ки ба онҳо ташхиси фишори баланди хун гузошта шудааст, доруи эналаприл бепул дода мешавад. Инчунин дар поликлиникаи мо барои пурзӯр гардондани профилактикаи тиббӣ доир ба пешгирӣ ва саривақт муайян кардани касалиҳои онкологӣ, эндокринологӣ, фишори баланди хун, инсулт, инфаркт ва расонидани кумаки статсионарӣ чораҳои зиёд андешида мешаванд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ТАЪРИХ ВА АНЪАНАҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

***Наврӯз яке аз қадимитарин ҷашнҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Онро зиёда аз 3 ҳазор сол боз таҷлил мекунанд. Ҷашни мазкурро дар рӯзи баробарии баҳории сол – 21 март, ҳангоме ки табиат баъди зимистони дуру дароз бедор мегардад, қайд мекунанд. Барои бисёр халқҳо ин рӯз рамзи оғози соли нав бинобар тақвими хуршедӣ мебошад. Манбаъҳои қадимӣ тасдиқ мекунанд, ки ҷашн аз маданияти зардуштиёни бостонӣ ибтидо мегирад. Дар тӯли асрҳо ин ҷашнро форсҳо, халқҳои турк, сокинони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик таҷлил менамоянд.***

Соли 2009 ҷашни мазкур ба рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО даровар да шуд, баъдтар, аниқтараш соли 2010 Ассамблеяи генералии СММ 21 мартро Рӯзи байналмилалии ҷашни Наврӯз эълон кард.

Дар Ӯзбекистон Наврӯз дар байни ҷашнҳои миллӣ мақоми хоса дорад. Барои сокинони мамлакат он нафақат ҷашни одии давлатӣ, балки боз қисмати муҳими анъанаҳои фарҳангист. Ҷашнест, ки аз қадимулайём дар қаламрави байни дарёҳои Сайҳуну Ҷайҳун, ки он ҷо шаҳрҳои машҳур чун Самарқанд, Бухоро, Хива ва Қӯқанд ҷойгузин мебошанд, истиқбол гирифта мешавад. Ин рӯз ҳамеша бо умеди ҳосили зиёд, ободониву сулҳу салоҳи олам алоқаманд буду ҳаст.

Яке аз рамзҳои асосии Наврӯз таоми анъанавии суманак ба шумор меравад. Вай бо омехтаи шираи сабзаи гандум, орд ва равған омода карда мешавад. Ҷараёни тайёр кардани суманак аксаран шабона бо дастҷамъӣ ва суруду рақсу бозӣ дар атрофи дегҳои бузург ба амал меояд, ки маросими воқеан халқӣ аст. Занон якҷо ҷамъ омада, бо навбат деги суманакро бо калбезҳои бузурги чӯбӣ мемезанд ва ҳамзамон бобати пухтани ин таоми идона қиссаву ҳикоя мегӯянд, сурудхонӣ мекунанд. Қисса ва ривоятҳое ҳастанд, ки гӯё ҳар касе деги суманакро меомезад, метавонад орзуву ормонеро дар дил бипарварад ва он, бидуни шубҳа, иҷро хоҳад шуд. Таоми тайёршударо чун одат ба ҳамсоягон, хешовандон ва дӯстон бахшу қисмат мекунанд, ки тимсоли саховатмандӣ ва ваҳдату ягонагии одамон аст.

Ҷашни Наврӯз бо сайру саёҳатҳои оммавии халқӣ идома мекунад. Дар шаҳру деҳот бозорҳо, намоишгоҳҳо, консертҳо, намоишҳои театрӣ ва мусобиқаҳои мухталифи варзишӣ баргузор мегарданд. Яке аз бозиҳои машҳуртарини миллии он «гӯштӣ» ё «гӯштигирӣ» маҳсуб меёбад, ки то имрӯз идома дорад. Сабқати дигари варзишӣ, ки низ ба ҷашни Наврӯз марбут медонанд, бузкашӣ мебошад.

Ҳунармандону оҳангсозон бо сару либосҳои миллӣ бевосита дар хиёбонҳо баромад мекунанд. Онҳо таҳти садои асбобҳои мусиқии дутор, доира, рубоб, сурнаю карнай сурудҳои халқӣ ва эстрадӣ, ҳамчунин рақсҳои миллиро иҷро мекунанд.

Аз ин хурсандиҳо кӯдакону бачагон низ бебаҳра намемонанд. Барои онҳо пойга, арғунчакпаронӣ, бодпаракпарронӣ ва бозиҳои дигар ташкил карда мешаванд. Муҳити ҷашн бо хурсандии истиқболи баҳор, умедворӣ аз ҳосили фаровони Соли нав саршор мегардад.

Яке аз анъанаҳои хубу муҳими Наврӯз оштӣ додани одамони қаҳрӣ аст. Дар истиқболи Соли нав фаромӯш кардани озурдахотирӣ, ранҷишу аламҳои дерина, оштӣ шудану муносибатҳои неки байниҳамдигариро барқарор кардан аз ҷумлаи урфу одат ва анъанаҳои қадимаи Наврӯз мебошад. Аксаран пирону мӯйсафедони маҳаллаҳо ба онҳое, ки баҳсу талош кардаанд, аз ҳамдигар хафа ҳастанд, барои сулҳу салоҳ кардану оштӣ шудан кумак мерасонанд. Ин анъана маънои амиқи ахлоқӣ дорад, талқин менамояд, ки одамон тамоми ҳодисоти нохуши гузаштаи байниякдигариро фаромӯш кунанд ва ба соли нав бо орзуву омоли поку тоза ворид шаванд.

Дар рӯзҳои иди Наврӯз анъанаҳои меҳмоннавозӣ низ равшан падидор мешаванд, одамон аз хешу ақрабо ва ҳамсояҳои худ боздид ба амал меоваранд, таом ва кайфияти идонаи худро баҳам мебинанд.

Тавре ки зикр шуд, Наврӯз аз ҷумлаи маҳбубтарин ҷашнҳо дар кишвари мост. Дар шаҳрҳои бузург чун Тошканд, Самарқанд, Бухоро ва ғайра сайру саёҳатҳои бесобиқаи мардумӣ баргузор мешаванд, ки мардуми бисёрро муттаҳид менамоянд. Дар ин сайргоҳҳо метавон маҳсули дастони устоёни халқиро бо чашми худ бидид ва бо ҳунарҳои миллӣ шинос шуд, аз таомҳои ошхонаи миллӣ баҳра бурд, шарики шодиву хурсандии мардум шуд. Ҳамаи ин шаҳодат медиҳад, ки Наврӯз, воқеан, як ҷузви ҷудонопазири фарҳанги халқӣ аст ва бинобар ин аз насл ба насл идома дорад.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

*Дар нигористон*

# ОБРАЗҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ОИНАИ РАНГҲО

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд таҳти унвони «Қадрият» намоишгоҳи шахсии аъзои Иттиҳоди эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон, намояндагони номии санъати минётура, рассомони шинохта Баҳодур ва Беҳзод Ҳоҷиматовҳо баргузор шуд.***



Дар намоишгоҳ, ки зиёда аз 80 асарро дар бар мегирад, намунаҳои минётура ва санъати амалӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Дар ин асарҳо воқеаҳои таърихӣ, образҳои миллӣ ва ғояҳои тарбиявӣ бо забони рангу тасвирҳо инъикос ёфтаанд. Мазмуну муҳтавои онҳо ба замони имрӯз ҳамоҳанг буда, аҳамияти маънавию тарбиявӣ доранд.

Мусаввирон дар Омӯзишгоҳи рассомии ба номи П. Бенков, Институти театр ва рассомии Тошканд ва Институти рассомии миллӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод таҳсил намудаанд.

Баҳодур Ҳоҷиматов соли 1951 дар шаҳри Тошканд таваллуд шудааст. Ӯ ба санъати миниатура ва наққошии амалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ташаккул ва рушди мактаби анъанавии минётура саҳми арзанда гузоштааст. Асарҳояшро дар рӯйи чӯб, коғаз, мис ва металл бо сабки хос офаридааст.

Дар эҷодиёти ӯ образҳои шахсони бузурги таърихӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ӯ бо медали «Шуҳрат» ва «Медали тиллоӣ»-и Иттиҳоди эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон сарфароз гардонда шудааст.

Беҳзод Ҳоҷиматов низ соли 1979 дар шаҳри Тошканд таваллуд шуда, аз бачагӣ дар устохонаи падар ба ин санъат меҳр пайдо кардааст. Ӯ дар институти таҳсилкардаи худ дар вазифаҳои мудири кафедра ва проректор кор кард. Барои Маркази тамаддуни исломи Ӯзбекистон як силсила асарҳо офарид.

Ӯ раҳбари шуъбаи «Миниатура»-и Иттиҳоди эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон мебошад.

Асарҳои онҳо дар хонаҳои эҷодии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба намоиш гузошта шудаанд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# РАМАЗОН – МОҲИ РАҲМАТ

***Ҳоло моҳи муборак ва пурфайзи Рамазон идома дорад. Ин моҳи шариф тӯли асрҳо барои ҳар як хонадони аҳли муслими мо чун анъанаи қадимии ниёгон азизу мукаррам буду ҳаст. Солҳои соҳибистиқлолии мамлакат эътибор ба ин моҳи пурфазилат хеле афзуд. Дар қарори Президент «Дар бораи ба тарзи шоиста гузаронидани моҳи муборaки Рамазон» аз 16 феврали соли ҷорӣ аз ҷумла чунин омадааст: «Солҳои охир дар мамлакат ба шарофати ислоҳоти густурда, ки ҷиҳати таъмин кардани қадру манзалат, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, таҳкими фазои сулҳ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, инчунин ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус табақаҳои ниёзманд амалӣ мегарданд, моҳи муборaки Рамазон, ки дар худ моҳияти инсонпарваронаи дини муқаддаси ислом, ғояҳои ҳамбастагӣ, саховат ва шукргузориро таҷассум менамояд, ба дили халқи мо боз ҳам наздиктар ва азизу муътабар мегардад». Суҳбати мо бо имом-хатиби масҷиди ҷомеъи «Чаҳор Бакр» («Чорбакр»)-и ноҳияи Бухоро, директори Маркази илмию тадқиқотии «Баҳоуддини Нақшбанд», доктори фалсафа оид ба фанҳои исломшиносӣ (PhD) Азизхӯҷа ИНОЯТОВ ба ин моҳи муборак марбут аст.***



Азизхӯҷа Иноятов 6 майи соли 1974 дар деҳаи Ӯзбекони ноҳияи Бухоро дар оилаи омӯзгор таваллуд ёфтааст. Вай соли 1990 дар мактаби миёнаи рақами 22, солҳои 1990-1993 дар омӯзишгоҳи миёнаи махсуси «Мири Араб», солҳои 1994-1995 дар курси забони арабии Донишгоҳи «Ал-Азҳар»-и Миср, солҳои 1995-1999 дар Донишгоҳи исломии Мадинаи Арабистони Саудӣ, солҳои 2005-2011 дар Донишгоҳи давлатии Бухоро таҳсил гирифтааст.

Солҳои 1993-1994, 1999-2012 мударриси омӯзишгоҳи миёнаи махсуси «Мири Араб», солҳои 2011-2015 имом-хатиби масҷиди ҷомеъи «Хоҷа Таббанд»-и шаҳри Бухоро буд. Азизхӯҷа Иноятов аз соли 2025 директори Маркази илмию тадқиқотии «Баҳоуддини Нақшбанд» аст.

**– Домулло, аввало моҳи Рамазони шариф муборак шавад. Медонем, ки «Қуръони Карим» дар ин моҳ нозил шудааст. Нахуст дар бораи фазилатҳои ин моҳ таваққуф мекардед.**

– Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим, Аллоҳи таоло бо лутфу карами худ баъзе моҳҳоро аз дигарашон афзал кард. Аз байни дувоздаҳ моҳ баъзеашонро барои ибодатҳои маълум интихоб намуд. Байни ин гузидашудаҳо беҳтаринаш моҳи Рамазон аст. «Пайғамбарамон (с.а.в) ба саҳобаҳояшон гуфтаанд: «Эй саҳобагон, шаҳри (моҳи) муборaки Рамазон омад. Аллоҳи таоло дар ин моҳ ба шумо рӯзадориро фарз кард. Бояд бидонед, дар ин моҳ дарҳои ҷаннат боз ва дарҳои дӯзах баста мешаванд, шайтонҳои саркаш занҷирбанд мегарданд».

Дар ин ҳадис баъзе фазилатҳои моҳи шариф ифода ёфтааст. Аввало муборак будани Рамазон таъкид мегардад. Маънои муборак баракатнокист, яъне муҳлат ва рӯзҳояш маҳдуд бошад ҳам, аҷру савобаш зиёд, мукофоти ваъдакардааш бисёр аст. Яке аз ин арҷҳо боз намудани дарҳои ҷаннат мебошад. Зотан дарҳои ҷаннат ҳамеша кушодаанд, вале кушодашавии онҳо дар моҳи Рамазон дигар маънӣ дорад. Бо каме майлу хоҳиш ба он ворид шудан имконпазир аст. Аллоҳи таоло дарҳои ҷаҳаннамро занҷирбанд мекунад. Баъзе олимон ақидае доранд, ки ҳар шахси дӯзахӣ, агар дар ин моҳ вафот кунад, бо шарофати Рамазон аз азоби ҷаҳаннам наҷот меёбад, яъне эмин мемонад. Дар ин моҳ на ҳамаи шайтонҳо, балки фақат шайтонҳои саркаш занҷирбанд карда мешаванд. Онҳо одатан ба одамоне таҳдид мекунанд, ки ба ибодат, ба амалҳои нек, корҳои савоб майл доранд, зеро аз касони беибодат, аз Аллоҳ барканор, Худоношинос, аз ғаму ташвиши мардум берун умед нест. Онҳо бефарқу бепарвоянд. Эшонро шайтонҳои хурд ҳам бероҳа карда метавонанд. Аммо шайтонҳои саркаши ваҳшатовар ба мардуми боибодат ҳуҷум карда, ба халалдор шудани рӯза, кам кардани фазилати он саъй мекунанд, бо корҳои беҳуда гузарондани шаб водор месозанд. Пайғамбар алайҳиссалом водор месозанд, ки ба ибодат таъҷил намоем.

**– Оё рӯза балогардон аст?**

– Оре. Банда мехоҳад, ки аз азоби Аллоҳи таоло дар канор, эмин ва ҳамеша дар амон бошад. Барои ҳифзи худ аз ҳар гуна офату балоҳои заминию осмонӣ бояд сипар, паноҳе дошта бошад. Тавре ки гуфтем, ин сипар рӯзадорист. Ҳоло, ки моҳи соҳибшавӣ ба сипари рӯҳу пайкар (вуҷуд) фаро расидааст, бояд аз он самаранок истифода барем ва аз Офаридгор паноҳ ёбем. Касе, ки дар ин рӯзҳо як нафл, яъне ибодат некӣ кунад, Аллоҳи таоло ба вай аҷру мукофоти ҳафтод некиро медиҳад. Дар ривояти дигар аҷру савоби 70 фарзро медиҳад, – гуфта шудааст.

**– Рӯзаро моҳи сабру қаноат низ меноманд...**

– Ҳақ аст. Аллоҳи таоло дар моҳи Рамазон барои онҳое, ки сабру қаноат рӯза мегиранд, инъоми беҳисоб дорад. Дар ин моҳ бояд ҳам аз неъматҳои моддӣ ва ҳам маънавӣ собир бошем, яъне сабру қаноат кунем. Худдорӣ аз неъматҳои моддӣ чандон душвор нест. Алҳол дар ин фасли сол, ки ҳаво аксаран муътадил асту гармою сармо надорад, сабр кардан душвор нест, вале худдорӣ аз амалу рафтори мамнӯъкардаи Илоҳӣ кори саҳл нест. Хусусан, ба онҳое, ки дурӯғгӯй ҳастанд, «тарки одат амри муҳол» аст. Ҳар касе, ки дар моҳи Рамазони шариф аз гуфтори дурӯғ, амалу корҳои номатлуб худдорӣ намекунад, гуруснанишинии вай нафъе надорад. Ин яке аз талабҳои асосии қоидаи рӯзадорӣ аст. Сохтакорӣ низ хилофи рӯзадорист. Ҳатто табассуми сохта, суханони сохта, салому муомилаи сохта, таълифоти сохта ва ғайра рӯзадориро халалдор месозанд ва чунин рафтор аҷру савобе надорад.

Абуфазл ҳадисе оварда: «Рамазон – моҳи сабр, савоби сабр – ҷаннат» гуфтааст.

**– Яке аз талабҳои асоситарини моҳи муборак тиловату қироати «Қуръон» аст.**

– Бешубҳа, мубораку фазилатнокии моҳи Рамазон туфайли «Қуръон»-у рӯза аст. Беҳуда нест, ки ин моҳро моҳи Қуръон низ меноманд. Қироати Қуръон, зикри Аллоҳ дар арзу само обрӯю эътибори инсон аст.

Усмон ибни Аффон гуфтаанд: «Агар дилҳоятон тоза мешуд, аз тиловати Каломи шариф сер намешудед. Дар диле, ки ғаш дорад, ин кирдори бад қалбашро ба санг табдил додааст, «Қуръон» намегунҷад.

Имом Ҷалолиддин Суотӣ (с) «Қуръон муъҷизаҳо дорад, яке аз онҳо он аст, ки хонандаи «Қуръон» ҳаргиз дилгир намешавад», – гуфтаанд. Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р.а) ривоят кардаанд: «Расулуллоҳ (с.а.в) рӯзаю Қуръон – ҳар ду бандаро Рӯзи қиёмат шафоат мекунанд: Рӯза: «Эй худо, ман ӯро рӯзҳо аз ғизо ва шаҳват боздоштам, шафоатамро дар бораи вай қабул кун», – мегӯяд. «Қуръон» – «Ман ӯро шабҳо аз хоб боздоштам шафоатамро нисбати вай қабул фармо», – мегӯяд. Яъне, ҳар ду шафоат мекунанд», – гуфтаанд.

**– Фикри Шумо дар бораи хайру саховат, ифтори моҳи Рамазон чист?**

– Саховат, эҳсон, дилёбӣ... инҳо фазилатанд. Ибни Моҷа (р.а) ривоят дорад. «Набӣ (с.а.в) «Касе, ки ба як рӯзадор ифторӣ диҳад, ба вай ба андозаи аҷри рӯзадорон аҷр мерасад, аз ҳисоби аҷри онҳо (рӯзадорон) чизе кам намешавад», – гуфтаанд. Боз гуфтаанд: «Касе ба як рӯзадор ифторӣ диҳад, ин савоби озод кардани як ғулом (бандӣ) ва барои мағфират шудани гуноҳҳояш аҳамият дорад».

Шукр, ки дар моҳи пурфазилати Рамазон қарор дорем. Аз Аллоҳи таоло илтиҷо карда бо Каломи ӯ машғул шудан, бо ин Калом ошно гардидани фарзандон, зурриётҳоямонро мепурсем. Пайғамбар алайҳиссалом гуфтаанд: «Онҳое, ки ба ҷавонон раҳму шафқат надоранд, ҳақи бузургонамонро намешиносанд, аз мо нестанд, яъне ҳамроҳи мо нестанд».

Пас, фарзандонро бояд ҳалолу покиза хӯронем, пӯшонем, муҳимтаринаш боодобу хушахлоқ карда, дар рӯҳи фазилатҳои беҳтарини инсонӣ тарбия кунем. Беҳтарини тарбия барои онҳо шиносоӣ бо Каломи шариф ва дарк намудани фарзҳои фармудаи Аллоҳ аст.

Рӯзадорӣ бошад як намуди тарбияи моддию маънавиест.

Умедворем, ки Худованди Карим имсол моҳи Рамазонро барои диёри азизу биҳиштӣ ва халқи ҳимматбаландамон ба моҳи пурфайзу барака ва фазилату манфиатҳои бузург табдил медиҳад.

**– Барои суҳбати пурмазмун ташаккур.**

– Саломат бошед.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Дар қароргоҳи Кӯксарой бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба Рӯзи байналмилалии бонувон чорабинии тантанавӣ ба вуқӯъ пайваст ва ба як гурӯҳ духтарони соҳибистеъдод Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия супурда шуд. Дар байни ҷоизадорон талабаи мактаби миёнаи рақами 33-юми шаҳри Самарқанд Амалия Мамедова низ буд.***

# ҶОИЗА МУБОРАК, АМАЛИЯ!




Солҳои охир бо сиёсати оқилона ва устувори сарвари давлатамон дар Ӯзбекистони Нав, аз ҷумла дар шаҳри бостонии мо низ варзиш густариш меёбад. Ба хусус, намуди гимнастикаи бадеӣ бештару хубтар рушд ёфта, Устоди байналхалқии варзиш Амалия Мамедова дар арсаи ҷаҳон ҷойҳои фахриро ноил мегардад.

Амалия ба майдони варзиш дар синни чаҳорсолагӣ омад. Модараш Анастасия Оталиева духтарашро ба мактаби махсуси бачагонаи гимнастикаи бадеии захираҳои олимпии Самарқанд оварда, ба дасти мураббии номдори Ӯзбекистон Мафтуна Шамсиева супурд.

Воқеан нахустин устоди ӯ кӯшиш ба харҷ дод, ки шогирдаш бо варзиш ҷиддан машғул гашта, аз айёми бачагӣ истеъдоди худро сайқал диҳад. Ва кӯшишу ҷоннисории вай беҳуда нарафт. Бо гузашти айём Амалия на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар арсаи байналхалқӣ соҳиби мукофотҳои баланд шуд. Соли 2023 ӯ аъзои дастаи яккачини Ӯзбекистон шуда, дар чемпионати Осиёи Марказӣ дар байни духтаракон медали тилло гирифт. Ҳамон сол дар чемпионати ҷаҳон аз байни 10 нафар пешқадамон ҷой гирифт.

Соли 2024 дар Тошканд дар чемпионати Осиё ӯ дар мусобиқаҳои бисёрҳарба ба шоҳсуфаи баланд баромад. Аммо дар Бозиҳои олимпии тобистона дар Фаронса, ки иштирокчии хеле ҷавон буд, аз варзишгарони номдор ва машҳури олам бештар таҷрибаомӯзӣ намуд.

Соли гузашта дар Сингапур, ки чемпионати Осиё баргузор гардид, ӯ соҳиби медали тилло шуд. Дар моҳи июн ба вай унвони устоди варзиш ва дар моҳи ноябр Устоди байналхалқии варзишро муносиб донистанд.

Имрӯзҳо ӯ дар Тошканд зери роҳбарии мураббии соҳибтаҷриба Раъно Каримова истеъдоди хешро сайқал дода, ба мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ ва олимпии навбатӣ тайёрии пухта мебинад.

– Ман ба варзишгари номдори Самарқанд, ғолиби бозиҳои олимпӣ Диёра Келдиёрова эҳтироми хоса дошта, кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки мисли ҳамшаҳрам чемпиони бозиҳои олимпӣ шавам, – иброз дошт Амалия Мамедова, – чанде пеш сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ҷоизаи ба номи шоираи ширинкалом Зулфияро ба ман супурданд, ки ин лаҳзаҳои хушнудӣ фаромӯшнопазир аст. Ба Президенти муҳтарам ваъда додам, ки дар чемпионати ҷаҳон ва сипас бозиҳои олимпӣ медали тиллоро ба даст меорам.

Албатта бо баробари варзиш бо таҳсил низ машғул ҳастам. Китобу дафтар ҳамроҳи ман аст. Имсол номаи камол гирифта, ба яке аз мактабҳои олии Тошканд ҳуҷҷат месупорам.

– Амалия Мамедова ифтихори муассисаи таълимии мо аст, – гуфт ҷонишини директори мактаби рақами 33-юми шаҳри Самарқанд оид ба масъалаҳои маънавӣ ва роҳбари клуби «Зулфия» Гулноза Худойқулова, – гоҳ-гоҳ тавассути онлайн низ дарс гузашта, баҳои баланд гирифта истодааст.

**Баҳодури ЗОҲИР, Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# БУНЁДИ «БОҒИ ҶОПОН» ДАР ТИРМИЗ

***Дар доираи сафари Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба вилояти Сурхондарё,- ҳангоми вохурӣ бо фаъолони вилоят, таъкид гардида буд, ки бо истифодаи самараноки имкониятҳои сайёҳии минтақа метавон дар як сол миллионҳо доллар ба даст овард.***

Аз ин рӯ вазифа гузошта шуд, ки рушди босуръати соҳа таъмин гардад, аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои сайёҳии Ҷопон хатсайрҳои нави сайёҳӣ таҳия карда шаванд, ҳамчунин лоиҳаҳои таъсиси осорхона, ошхонаи муштараки ӯзбек-ҷопон ва бунёди «Боғи Ҷопон» амалӣ гарданд.

Дар доираи иҷрои ин супоришҳо лоиҳаи бунёди «Боғи Ҷопон» ва механизмҳои амалисозии он муҳокима гардид.

Мазмуни лоиҳа ғанӣ гардонида шуда, он дар асоси тарҳи муосири меъморӣ такмил дода мешавад ва дар ҳудуди Донишгоҳи технологии Ӯзбекистон – Ҷопон ҷойгир карда мешавад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# АЗ КУРИЁИ ҶАНУБӢ ТО ИМА: ИФТОРҲО БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ӮЗБЕКИСТОН

***Бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар моҳи муборaки Рамазон барои ҳамватанони бурунмарзӣ ифторҳои васеъмиқёс ташкил карда мешаванд. Имсол ин ташаббус 10 кишвар ва зиёда аз 50 шаҳрро фаро гирифта, ҳамватанонеро, ки дар хориҷ кору таҳсил ва доимӣ зиндагӣ мекунанд, гирди ҳам меорад.***



Ифторҳо дар шаҳрҳои бузурги Макка, Мадина, Сеул, Истанбул, Анқара, Қоҳира, Умон, Куала-Лумпур, Вашингтон, Ню-Йорк ва Торонто дар сатҳи баланд ташкил мешаванд. Ҷуғрофияи тадбирҳо васеъ буда, хусусан, дар 20 шаҳри Федератсияи Русия ва 10 шаҳри ИМА барои ҳамватанон барномаҳои махсус таҳия шудаанд.

Ин амалҳои васеъ ба низоми равшани арзишҳо такя мекунанд. Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар паёми табрикотии худ ба мардуми мо таъкид кард, ки моҳи Рамазон рамзи некӣ, шафқат ва саховатмандии маънавӣ аст. Сарвари давлат зикр намуд, ки дар солҳои охир гиромидошти қадри инсон, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда шудааст. Бар ҳамин асос ба ҳаёт татбиқ шудани ислоҳоти васеъмиқёс ҳаёти мардумро куллан тағйир медиҳад.

Ифодаи амалии ин ташаббус дар мисолҳои мушаххас равшан ба мушоҳида мерасанд. Имоми масҷиди «Саид Ҷалолхон тӯра»-и шаҳри Марғелон Юнусхон Мамарасулов ба шаҳрҳои Новосибирск ва Кемеровои Сибир рафта, бо ҳамватаноне, ки дар корхонаҳо ва иншооти сохтмонии Русия кор мекунанд, вохӯриҳо анҷом дод. Дар мулоқотҳо имом ба аҳамияти маънавии моҳи Рамазон, анҷоми амалҳои хайр, ҳифзи сулҳ, аҳамияти ҳамзистии миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ эътибор дод. Хусусан, зарурати ҳифзи ҷавонон аз таъсири ҷараёнҳои бегонае, ки ба арзишҳои анъанавии ислом иртибот надоранд, таъкид гардид. Чунин мулоқотҳо ба ҳамватанони бурунмарзӣ дар эҳсос намудани дастгирӣ ва ғамхории давлат кумак мерасонанд.

Ваколатхонаҳои дипломатӣ низ дар ин раванд фаъоланд. Дар сафорати Ӯзбекистон дар Боку барои ҳамватанон ифтор ташкил шуд, ки дар он оиди самтҳои асосии стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», имкониятҳои барои зиндагии шоистаи шаҳрвандон дар Ӯзбекистон фароҳамшуда, ташаккули иқтисоди рақобатпазир ва таъмини волоияти қонун маълумот дода шуд.

Моҳи Рамазон ҳамчунин ба майдони муҳими рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар Тошканд сафири Аморати Муттаҳидаи Араб бо иштироки намояндагони Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, Кумитаи корҳои дин, донишгоҳҳои пешсаф ва вазорати корҳои хориҷӣ ифтор баргузор намуд. Дар рафти мулоқот сафир меҳмононро бо анъанаҳои ҷашнгирии моҳи Рамазон дар аморатҳо шинос кард ва иштирокчиён шабоҳат ва хусусиятҳои ба худ хоси анъанаҳои динии Ӯзбекистон ва Аморати Муттаҳидаи Арабро баррасӣ намуданд. Ҳамзамон, дар пойтахти маъмурии Малайзия — шаҳри Путраҷая иқдоми хайрия бахшида ба моҳи муборaки Рамазон баргузор шуд. Дар он бо мақсади тарғиби имкониятҳои сайёҳии кишвар, фарҳанги ғанӣ ва маҳсулоти ҳунармандӣ стенди миллӣ ташкил гардид. Дар ҷараёни тадбир оид ба рушди туризми зиёратӣ, лоиҳаҳои муосири туристӣ ва шароити барои сайёҳон фароҳам овардашуда маълумот дода шуд. Ба пешбурди барномаҳои «Туризми зиёратӣ», «Туризми таърихӣ-фарҳангӣ», «Туризми гастрономӣ» ва «Умра-плюс» таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд.

Дар чаҳорчӯби ярмарка бо иштироки Иттиҳоди «Ҳунарманд» намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ, намунаҳои санъати амалии мардумӣ, маҳсулоти саноати сабук ва абрешим ташкил карда шуд. Барои шинос кардани ҷомеаи Малайзия бо мероси гастрономии Ӯзбекистон ба ифтор таоми миллӣ — палав пешкаш гардид. Ҷойҳои таърихӣ, мероси ғании фарҳангӣ ва ошхонаи миллӣ дар меҳмонон таассуроти амиқ гузошта, ба таҳкими равобити фарҳангӣ мусоидат карданд.

Ҳамин тавр, моҳи муборaки Рамазон дар Ӯзбекистон на танҳо вақти покизагии маънавӣ ва саховат, балки омили муҳими муттаҳидсозандаи ҷомеа — ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар гардид. Аз Куриёи Ҷанубӣ то ИМА, аз Русия то Малайзия, ифторҳо ҳамватанонро муттаҳид намуда, робитаҳои онҳоро бо Ватан таҳким мебахшанд ва нишон медиҳанд, ки ғамхории давлат ҳадду канор надорад.

**АИ «Дунё».**

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Тошлоқ» барои фарзандони оилаҳое, ки дар феҳристи ҳифзи иҷтимоӣ сабти ном шудаанд, муоинаи тиббии амиқ ташкил карда шуд. Ин чорабинӣ бо мақсади мустаҳкам кардани саломатии кӯдакон, барвақт ошкор кардани бемориҳое, ки кӯдакон метавонанд дучор шаванд, баргузор гардид.***

# МУОИНАИ ТИББИИ КӮДАКОНИ НИЁЗМАНДИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

Дар рафти чорабинӣ саломатии умумии кӯдакон аз ҷониби табибони соҳибмалакаву ихтисоси баланд мавриди муоинаи тиббӣ қарор дода шуд. Дар ҳолатҳои зарурӣ, ба беморон аз ҷониби мутахассисони соҳаи тиб тавсияҳои дахлдор дода шуд. Бо тавсияи пизишкон баъзе кӯдакон барои муоина ва табобати иловагӣ ба муассисаҳои тиббӣ роҳхат гирифтанд.

– Чунин чорабиниҳо, ки маҳз барои аҳолии қобили ҳифзи иҷтимоӣ роҳандозӣ мегарданд, самараҳои неки худро ба бор меоранд. Бахусус ҷавонон ва кӯдакон аз шароити зарурии бароишон фароҳам овардашуда баҳраманд мегарданд. Бешубҳа, чунин хидмати пизишкон барои солиму бақувват ба камол расидани онҳо мусоидат хоҳад кард, – мегӯяд масъули дафтари матбуоти ҳокимияти ноҳия Аҳрор Зиёдов.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 2071. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.